Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА
- 014 назди Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067,
ш. Душанбе, кучаи Наҳимов, 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қурбонов Абдукарим Раҳимович ба диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзӯи "Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир" (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

## 1. Муҳимияти мавзӯи диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии **Халифазода Саидаҳтам**, ки ба мавзӯи Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир" (дар **мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)** бахшида шудааст, яке аз масъалаҳои актуалӣ дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ ба шумор рафта, муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар замони муосир барои аксар мамлакатҳо, пеш аз ҳама мамлакатҳои мутараққӣ, низоми маъмурикунонии андоз ҳангоми ташакули фодҳои пулии давлатӣ, объекти муҳими тадқиқотӣ илмӣ боқӣ мемонад. Вазъи муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи усулҳои хело самараноки низоми маъмурикунонии андозро дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта тақозо менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми 23.12.2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кайд

намуданд, ки: "Барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда ҳаҷми буҷети давлатӣ ҳамасола афзоиш ёфта. Дар соли 2022 қисми даромади он ба 33 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбати соли 2018-ум 38 фоиз зиёд аст.

Кумитаи андоз вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти марбута ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омилҳои инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, инчунин, истифодаи ҳатмии дастгоҳи назоративу хазинавии дар реҷаи вақти воқей амаликунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонад".

Барои афзоиш додани даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногун албатта нақши дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз басо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Барои ин давлат бояд фишангҳои макроиқтисодии андозиву буҷетӣ ва гумрукиро дар сатҳи иқтисоди миллӣ бояд танзим намояд. Дар замони муосир бо тараққӣ ёфтани муносибатҳои бозорӣ зарурияти ҷустуҷӯи роҳҳои нави танзими андозии иқтисод, ки ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст, муҳим арзёбӣ карда мешавад, зеро танҳо бо роҳи додани ҳар гуна имтиёзу сабукиҳо ба андозсупорандагон, афзоиши субъектҳои хоҷагидорӣ таъмин карда шуда, даромади буҷети давлатӣ афзоиш меёбад.

Имрӯз ба воситаи баланд намудани меъёрҳои андоз ва ҷустуҷӯи

сарчашмаҳои иловагии андоз, мо наметавонем даромади буҷети давлатиро муддати солҳо зиёд намоем. Ин чора метавонад дар як муддати кутоҳ ба зиёд шудани даромади буҷет мусоидат намуда, дар оянда ба он таъсири манфӣ расонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳануз оид ба низоми маъмурикунонии андоз, ки тавонад ба самаранокии рушди иқтисодиёти мамлакат таъсир расонад, таҳқиқоти пурра гузаронида нашудааст. Ҷиҳати таъмини даромади буҷети давлатӣ зарур аст, ки низоми маъмурикунонии андоз такмил дода шуда, дар он усулҳои навтарини самаранок ворид карда шаванд. Дар ин замина, муҳимияти мавзӯи таҳқиқотӣ ва арзиши илмию аҳамияти амалии он асоснок карда мешавад.

## 2. Сохтори рисола ва мазмуну мундариҷаи он

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи тақризшаванда ҳадаф ва вазифаҳои дар нақшаи кор овардашударо муайян менамояд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқотии мазкур, дараҷаи таҳқиқи илмии он, объекту матлаби таҳқиқот, асоснок кардани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот нақш ёфта, ҷанбаҳои назариявӣ, навгонии механизми танзими андозбандӣ ва нақши он дар низоми маъмурикунонии андоз ва пешниҳоди амалӣ оид ба самаранокии низоми маъмурикунонии андоз қайд карда шудааст. (С. 4-14).

Дар боби якуми диссертатсия – "Ҷанбаҳои назариявӣ – методии ташаккули низоми маъмурикунонии андоз", асосҳои назариявии ташаккули низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир, усулҳо ва вазифаҳои асосии низоми маъмурикунонии андоз, таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (с.14-68).

Дар боби дуюми диссертатсия – “Арзёбии вазъи низоми андоз ва маъмурикунонии он дар Тоҷикистон”, таҳлили вазъи низоми андоз дар Тоҷикистон, арзёбии низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосири муносибатҳои иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои асосии баҳои низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (С. 69-122).

Дар боби сеюми диссертатсия - «Самтҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз дар Тоҷикистон», танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир, такмили низоми маъмурикунонии андоз - ҳамчун омили фаъолияти самараноки мақомати андоз, модели баҳодиҳии самаранокии низоми маъмурикунонии андоз дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. (С. 123-172).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсия ва тавсиявҳои хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ифода ёфтааст (С. 173-177).

Инчунин дар диссерататсияи мазкур 165 адабиёт истифода бурда шуда, нишондиҳандаҳои оморӣ ва санадҳои муҳим истифода бурда шудааст.

**3. Дараҷаи асоснокии дастовадрҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда**

Дар раванди таҳқиқи диссертатсия муаллиф дар масъалаи такмили низоми маъмурикунонии андоз аз адабиёти иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ, махсусан аз нашрияҳои илмӣ хело васеъ истифода намудааст.

Муаллиф барои ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳо ва таҳияи пешниҳодҳои оқилонаи дар диссертатсия дарҷ гашта, дар асоси принсипи муносибати системавӣ, методҳои хулосабарории назариявӣ ва эмпирикӣ, усулҳои мантиқӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавӣ,

монографӣ, таҳлили оморӣ, математикӣ, иқтисодӣ ва дигар усулҳои таҳқиқот истифода намудааст.

Заминаҳои иттилоотии таҳқиқоти мазкурро маълумотҳои Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои илмии олимони классики назарияи иқтисодӣ, иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шуда, матолиби дар воситаҳои ахбори умум дарҷ гардида, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маъмурикунонии низоми андозӣ вобаста буда, ташкил медиҳад.

Аз рӯи таҳлилҳои дар диссертатсия овардашуда маълум мегардад, ки диссертант доир ба мавзӯи таҳқиқотӣ адабиётҳои илмиро хеле васеъ истифода бурда, мустақилона маълумотҳои омориро аз кумитаю идораҳои давлатии дахлдор бо мақсади таҳлили амиқи мавзӯи худ ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**4. Саҳеҳӣ, навгониҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада**

Навгониҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда аз коркарди самтҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир иборат мебошад. Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст аз инҳо иборатанд:

1. Дар натиҷаи таҳлили таҳаввули назариявии низоми маъмурикунонии андоз, ақидаҳои олимони классики илми иқтисодӣ ва олимони ватанӣ оид ба масъалаи мазкур таҳқиқ гардида, нақши низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир, механизми танзими

андозбандӣ ва нуқтаҳои илмии ин мавзӯъ муайян карда шуд (с. 15-29);

2. Дар асоси омӯзиши моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои маъмурикунии андоз аз ҷониби муаллиф мафҳуми он чунин пешниҳод шудааст: маъмурикунонии андоз – ин маҷмуи қоидаҳо, тадбирҳо ва фишангҳои бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки барои баланд бардоштани интизом ва масъулияти андозии субъектҳои дар раванди маъмурикунонии андоз ва пардохтҳои ҳатмӣ иштироккунанда, кам намудани хароҷотҳо барои иҷрои уҳдадориҳо, ба роҳ мондани интизоми ҳисобдории муҳосибӣ ва андозӣ, пурра баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, додани афзалият ба худҳисобкунии маблағҳои андозӣ, таъмини ҳавасмандӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, дар ин замина беҳтаршавии воридоти андозу пардохтҳо ба буҷети давлатӣ равона карда шудааст, ба шумор меравад (саҳ. 35).

3. Усулҳо ва вазифаҳои низоми маъмурикунонии андоз муайян карда шуда, қайд карда шудааст, ки дар шароити муосир низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун фишанги муҳими танзими низоми андозӣ – молиявӣ ва таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ хизмат менамояд.(саҳ. 36).

4.Таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз дида баромада шуда, як қатор пешниҳодҳои муфид барои ҷорӣ намудани чунин таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шудааст. Инчунин муаллиф дуруст қайд менамояд, ки “нусхабардории чунин таҷриба оқибатҳои хуб надошта, мо метавонем дар асоси хусусиятҳои миллии низоми андози ҷумҳурӣ иддаи онро мавриди баррасӣ қарор диҳем”. (с, 49- 69);

5. Дар доираи таҳқиқот арзёбии самаранокии имтиёзҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода шуда, муайян гардид, ки баъзан чунин имтиёзҳо нисбати андозсупорандагоне, тадбиқ мегардад, ки ба сатҳи

рақобатнокӣ, таъсири бад мерасонад ва бинобар ин ба ақидаи муаллиф номгӯйи имтиёзҳои татбиқшаванда кам карда шуда, бештар таваҷҷӯҳ ба корхонаҳои истеҳсолии ватании амалкунанда ва ё навтаъсис, ки дар таъмини маҳсулоти воридотивазкунанда нақши арзанда доранд, зоҳир карда шавад (с. 123-158);

6. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки бақияи қарзи андозӣ сол то сол афзоиш ёфта, он ба даромади буҷети давлатӣ таъсири бад мерасонад. Дар ҳамин замина муаллиф коэффитсиенти ҷамъоварии пурра ва саривақтии андозҳоро, ҳамчун нишондиҳандаи баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти андоз бо формулаи математикӣ муайян намудааст ( саҳ. 117-118);

7. Ақидаи дигари ҷолиби муаллиф ин аст, ки танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати давлатии низоми андозбандӣ, бояд тайи даҳсолаҳо самаранокии мақомоти андоз ва воридшавии бештари маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро таъмин намояд. (саҳ. 141).

8. Дар рисола пешниҳодҳои илман асоснокшуда оид ба баланд бардоштани самаранокии низоми маъмурикунонии андоз бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва урфу одати аҳолӣ арёбӣ гардидаанд.

9. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз дар ҶумҳурииТоҷикистон (расми 3.1.1) таҳлили камбудиҳо ва пешниҳоди роҳҳои бартарафсозии онҳо дар самти маъмурикунонии андозҳо (ҷадвали 3.2.1.) матритсаи ҷуфти коэффисиентҳои коррелятсионии омилҳо байни ҳамдигарӣ ва аломати натиҷавӣ бо омилҳо (ҷадвали 3.3.2) аз ҷониби муаллиф таҳия гардида, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ гуфтан бамаврид аст, мазмун, миндариҷа, навгониҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои диссертатсияи мазкур ба бандҳои зерини шиносномак феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - «Молия, муомилоти пулӣ ва қарз» ба бандҳои 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методолдогияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ мувофиқат мекунад.

## 5. Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои таҳлилӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷ намудаи муаллифро барои такмил ва танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули усулҳои самараноки танзими андозбандии фаъолияти андозсупорандагони зинаҳои гуногун дар иқтисодиёти мамлакат истифода намудан имконпазир аст. Инчунин баъзе аз нуқтаҳои дар рисола таҳқиқшуда аснои қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ба инобат гирифта шуданд.

Аҳамияти амалии диссерататсия дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро мақомоти дахлдори давлатӣ метавонад ба роҳ монад, ки ба рушди даромадҳои буҷети давлатӣ мусоидат намуда, вазни андозии субъектҳои хоҷагидорӣ ба эътидол оварда шавад.

Ҳангоми шиносои бо диссертатсияи тақризшаванда маълум гашт, ки муаллиф мастақилона ба дастрасии натиҷаҳои илмӣ ва дар коркарди назария оид ба танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаҳои илмии инфиродии худро баён кардааст.

**6. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Оид ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 9 мақола, дар ҳаҷми 3,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр гардидаанд.

**7. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ ба назари муқарриз баъзе носаҳеҳо аст, ки дар умум сифати илмии корро коста наменамояд, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд ҳамчун объекти тадқиқот низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешуд, чун ки асосан дар диссертатсия ба такмили низоми андози ҷумҳурӣ дар умум диққати асосӣ дода шудааст;

2. Асосҳои назариявии функсияи низоми маъмурикунонии андоз камтар тадқиқ карда шуда аст;

3. Мубрамияти мавзӯи тадқиқшаванда пурра асоснок карда нашудааст;

4. Андешаҳои олимони муосири ватанӣ вобаста ба мавзӯи тадқиқотшаванда кам мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

5. Агар самаранокии имтиёзҳои андозӣ ба андозсупорандагони конкретӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мисолҳои мушаххас мавриди таҳқиқ қарор мегирифт, кор аз ин бурд менамуд;

6. Дар саволи 2-юми боби аввал ду масъалаи алоҳида дар якҷоягӣ таҳқиқ карда шуданд, ки ба ҳамдигар алоқамандӣ надоранд, беҳтар мешуд, ки усулҳо ва вазифаҳои низоми маъмурикунонии андоз дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешуданд;

7. Иқтибосҳо баъзан хато буда, баъзан нишон дода нашудаанд;

8. Хулосаи кор мукаммал нест;

9. Дар кори диссертатсионӣ баъзан хатогиҳои имлоӣ ва стилистикӣ вомехуранд.

Дар умум эродҳои зикршуда, сатҳи илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Инчунин баяд қайд кард, ки диссертатсияи иҷронамудаи Халифазода Саидаҳтам таҳқиқоти комил ва ба итмомрасида, маҳсуб шуда, кор аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва дар он мустакилияти муаллиф ба назар мерасад.

**8. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертасия**

Автореферати диссертатсияи мазкур мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, ҷойгир карда шудааст.

**9. Баҳои умумии мутобиқати рисола ба талаботҳои муқарарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиетон**

Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам, ки дар мавзӯи "Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир" (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), навишта шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, комилан ҷавобгӯи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои илмӣ мебошад, аз ин лиҳоз муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз аст.

**Муқаррази расмӣ, н.и.и., дотсент,**
**мудири кафедраи андоз ва суғуртаи**
**Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Қурбонов А.Р.**

**Имзои Қурбонов А.Р.- ро**
**тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва** **Пирзода С.С.**
**корҳои махсуси ДДТТ**
«06» 02 с. 2023

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон , ш.Душанбе,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
кӯчаи Деҳотӣ  1/2, тел: 934444150